# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод карда шуда, ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ҷавобгӯ мебошад: 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; давраҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, сохторҳои моддӣ-шайъӣ ва арзишии он; такрористеҳсоли сармояи ҷамъиятӣ ва инфиродӣ; шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохтори ниҳодӣ; таъсири равандҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди системаҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи тақозои истеъмолӣ; назарияи фирма; назарияи ташкилии бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; назарияи мувозинати умумии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи ҳуқуқи моликият; назарияи хароҷотҳои транзаксионӣ; назарияи ниҳодии фирма; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоииқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибатҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва сохтории ҷомеа ба таври назаррас тағйир меёбанд. Дар чунин шароит новобаста ба афзалиятдиҳӣ ба моликияти хусусӣ, таъмини рушди мутавозини иқтодиёти мамлакатро бе рушди соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Дар баробари ин, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки имрӯзҳо иқтисодиёти аксари кишварҳои пешрафта хусусияти бисёрқутбӣ ва бисёрсоҳавиро касб намудаанд. Ин хусусият дар омезиши шаклҳои гуногуни моликият ва таъмини тавозуни муносибатҳои бозорӣ ва ғайрибозорӣ ифода меёбад.

Бахши давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ на танҳо воситаи танзими иқтисодӣ ба шумор меравад, балки ҳамчун механизми муҳим барои татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ дар соҳаи саноат ва рушди технологияҳои рақамӣ фаъолият мекунад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи хосиятҳои ташаккул ва рушди соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо арзиши назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад.

Муайянсозии принсипҳо, афзалиятҳо ва имкониятҳои истифодаи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити бозор метавонад ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, рушди соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, инчунин ба тавсеаи ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ мусоидат кунад. Гуфтаҳои боло муҳимияти мавзӯи диссертатсионии Тағойназарзода Амриддинро собит менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, фарогири нуктаҳои зерин мебошанд:

– таърифи муаллифии соҳибкории давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Соҳибкории давлатӣ ҳамчун фаъолияти тиҷоратию истеҳсолии корхонаҳои давлатӣ шарҳ дода шудаст, ки мақсади он на танҳо

гирифтани фоидаи иқтисодӣ, балки иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлат ба шумор меравад;

– шакли иштироки давлат дар соҳибкории давлатӣ муайян карда шудааст: фаъолияти давлат ҳамчун соҳибкор тавассути иштирок дар идоракунии корхонаҳо, ташкили низоми таклифоти сармояи давлатӣ, шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳо ва тавассути амалисозии низоми фармоишҳои давлатӣ муайян карда мешавад;

– вазъи муосири соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусияти фаъолияти яккаҳукмронии корхонаҳои давлатӣ дар бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ муқаррар ва хусусияти фаъолияти соҳибкории давлатӣ дар соҳаҳои оҷизмондаи бахши хусусӣ ошкор карда шудааст, соҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ ва иҷтимоидошта ҳамчун майдони афзалиятнок барои соҳибкории давлатӣ муайян гардидааст.

– шарикии бахши давлат ва хусусӣ ҳамчун бахши муҳими иштироки давлат дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ, амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ муайян карда шуд. Ҷанбаҳои институтсионалӣ барои ташаккул ва рушди шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ мукаммал карда шуда, самаранокии лоиҳаҳои ШБДХ асоснок карда шудааст;

– исбот карда шудааст, ки соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши назаррас дошта дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ саҳмгузор мебошанд. Инчунин, дар кори диссертатсионӣ хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкории давлатӣ аз бахши хусусӣ муайян карда шудааст;

– самтҳои асосии такмили бахши давлатӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ асоснок карда шуданд. Бар асоси таҳлили SWOT иқтидорнокӣ, заифӣҳамчунин имкониятҳо ва таҳдидҳои фаъолияти фаъолияти корхонаҳои давлатӣ муайян карда шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи илмӣ аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб таркиб ёфтааст. Дар охир хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷой дода шудаанд. Ҳаҷми умумии матни асосии таҳқиқот 178 саҳифаи компютерӣ буда, дар он 18 ҷадвал, 7 расм истифода шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 177 манбаъ иборат мебошад.

**Муқаддима** мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, объект, предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсия ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми онро дар бар мегирад.

**Дар** боби якум **таҳкурсии назариявӣ ва методологӣ оид ба рушди соҳибкории давлатӣ дар марҳилаи муосир гузошта мешавад. Дар он моҳият ва нақши соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳлил гардида, асосҳои назариявии ташаккули бахши давлатӣ ва хусусиятҳои рушди он баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ ҳамчун омили муҳими ҳамкории институтсионалӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.**

Ҳамзамон дар боби мазкур равишҳои илмӣ мавҷуда таҳқиқ карда шуда, моҳияти соҳибкории давлатӣ тавзеҳ дода шудааст ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар он давлат ҳамчун субъекти махсуси иқтисодию иҷтимоӣ баромад менамояд, шарҳ дода шудааст. Муаллиф хусусиятҳои соҳибкории давлатиро муқарар намуда, мавҷудияти соҳибкории давлатиро дар шароити иқтисоди бозорӣ барои

самаранок фаъолият намудани иқтисодиёти кишвар хеле зарур арзёбӣ менамояд (С. 16).

Муалиф накши давлатро дар рушди низоми иқтисодӣ беназир арзёбӣ намуда, соҳибкории давлатиро ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии фаъолияти давлат баррасӣ менамояд.

Дар баробари таҳлилу баррасиҳои зиёди илмӣ, муаллиф як қатор омилҳои муайянкунандаи тамоюли рушди соҳибкории давлатиро гуруҳбандӣ намуда, нишондиҳандаҳое, ки барои баҳогузории бахши давлатӣ истифода мешаванд, дақиқ менамояд.

Ба ақидаи муаллиф сабаби иқтисодии иштироки давлат дар фаъолияти хоҷагидорӣ дастгирии субъектҳои хоҷагидорӣ аз зарари эҳтимолии буҳронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ мебошанд (С. 29).

Муаллиф хулоса менамояд, ки соҳибкории давлатӣ дар самтҳои гуногун ва шаклҳои гуногун ташкил карда мешавад. Давлат фаъолияти соҳибкориро метавонад дар шакли фармоишгар, молик ва шарики бо бахши хусусӣ ба роҳ монад.

Дар диссертатсия вазифаҳои умумии низоми давлатӣ муқаррар карда шуда, воситаҳои танзими давлатии иқтисодиёт аниқ ва низоми институтсионалии бахши давлатӣ арзёбӣ карда шудааст. Муаллиф хулоса менамояд, ки бахши давлатӣ ҳамчун институт маҷмуи қоидаҳо ва механизми иҷрои онро ифода менамояд, ки муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодиро ба танзим медарорад. Ба ақидаи муаллиф давлат ҳамчун ниҳоди муҳими танзими давлатии иқтисодӣ равандҳои иқтисодиро танзим намуда, ба афзоиши неъматҳои ҷамъиятӣ заминагузорӣ менамояд.

Муаллиф дар диссертатсия масъалаҳои назариявии шарикии бахши давлатӣ ва хусусиро аз рӯи равишҳои сиёсӣ ва иқтисодиву ҳуқуқи таҳқиқ намуда, амалигардонии шарикии бахши давлатӣ ва хусусиро дар шакли

пешниҳоди консессияҳо, бастани қарордодҳо, иҷора ё ташкили корхонаҳои муштарак муфид арзёбӣ менамояд (С.65).

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки иштироки давлат дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба зарурати дастгирии субъектҳои хоҷагидорӣ аз зарари эҳтимолии бухронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ алоқаманд аст.

**Дар боби дуюм вазъи муосири соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мегардад. Дар зербобҳои он сохтор, самтҳои фаъолият, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявии корхонаҳои давлатӣ, инчунин хусусиятҳои институтсионалӣ ва омилҳои таъсиргузор ба самаранокии фаъолияти онҳо таҳқиқ мешаванд. Илова бар ин, имкониятҳои амалии шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳамчун механизми ҷалби сармоя ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.**

Дар дисертатсия таҳлили вазъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳиссаи корхонаҳои воҳиди давлатӣ дар ин ҷода муқарар карда мешавад. Муалллиф фаъолияти корхонаҳои азими давлатиро аз рӯи нишондиҳандаҳои даромади умумӣ, хароҷоти умумӣ ва натиҷаи фаъолияти молиявии онҳо дар умум таҳқиқ намуда мушкилоти ҷойдоштаро дар соҳа муқаррар менамояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки мушкилоти ҳалталаб дар бахши давлатӣ ё корхонаҳои азими давлатӣ ҳануз ҳам напардохтани музди кори кормандон мебошад, ки нуфузи корхонаҳои давлатиро поён бурда, ҷолибияти сармоягузориро паст мегардонад.

Дар ин асно аз тарафи муаллиф бо мақсади коҳиш додани хавфҳо ба иқтисодиёти миллӣ, инчунин нигоҳ доштани фаъолияти муътадили истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ дар корхона маҷмуи тадбирҳоеро пешниҳод менамояд, ки ба коҳиши хароҷоти корхонаҳои давлатӣ, такмили назорати мунтазами фаъолияти истеҳсолии онҳо, ҳамзамон, бартараф

намудани қарздории музди меҳнати ташаккулёфта равона карда шудааст.

Мо тавсия муаллиф оид ба таъсис додани корхонаҳои шакли нав бо истифодаи сармояи муштараки бахши давлатӣ ва хусусӣ дар истифодабарии захираҳои иқтисодӣ, махсусан канданиҳои фоиданок пурра ҷонибдорӣ менамоем.

Дар диссертатсия самтҳои танзими институтсионалии фаъолияти соҳибкории давлатӣ бо дарназардошти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шуда сохтори шуғл дар бахши давалтӣ муқарар карда шудааст.

Аз нигоҳи муаллиф бахши давлатӣ унсури муҳими раванди такрористеҳсолот дар шароити муосир ба ҳисоб меравад (С. 106). Муалиф хулоса менамояд, ки дар шароити муосир давлат ҳамчун институти махсуси танзимкунандаи бозор тавассути усулҳои гуногун метавонад ба равандҳои иқтисодӣ таъсир расонад.

Дар асоси арзёбии имкониятҳои шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф таҳкими дастгирии давлатӣ дар самти таълим ва омодасозии кадрҳоро ҳамчун вазифаи муҳим дар ин самт барраси менамояд (С.123).

Муаллиф собит менамояд, ки бахши давлатӣ дар соҳаҳои калидӣ ба монанди энергетика, инфрасохтор, саноати истихроҷ ва коркарди конҳо, таъминоти об, гармӣ ва ғайра ташкил карда шудааст, ки барои дигар субъектҳои хоҷагидорӣ воридшавӣ ба ин соҳаҳо мушкил мебошад.

Ба андешаи муаллиф барои рушди бахши давлатӣ ва самараноку шаффоф намудани фаъолияти корхонаҳои давлатӣ бояд шакли ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо бо дарназардошти беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ тағйир дода шавад (С.127).

**Дар боби сеюм роҳҳои мукаммалгардонии рушди соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд. Дар ин бахш самтҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории давлатӣ, механизми**

**сиёсати иқтисодии давлат нисбат ба бахши давлатӣ ва усулҳои афзунсозии самаранокии идоракунӣ мавриди баррасӣ қарор доранд. Ҳамчунин, тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили низоми ҳуқуқӣ, ҷалби сармояи хусусӣ, тавсеаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва баланд бардоштани нақши бахши давлатӣ дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ пешниҳод шудаанд.**

Муаллиф бо гузаронидани таҳлили ояндадори самтҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми шакли зуҳуроташ такмили низоми андозситониро зарур мешуморад (С.129).

Дар диссертатсия равишҳои муайянсозии самаранокии бахши давлатӣ муқаррар крада шуда, ҷанбаҳои институтсионалии фаъолияти бахши давлатиро дар ҷумҳурӣ аниқ карда шудданд. Ба ақидаи муаллиф ҳангоми пешниҳоди самтҳои такмилталаби бахши давлатӣ ва соҳибкории давлатӣ ҳолатҳои ҷорӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Муалиф сармоягузорӣ ба инқилоби илмӣ-техникиро ҳамчун самти муҳими такмили механизми фаъолияти соҳибкории давлатӣ арзёбӣ менамояд.

Мо нуктаи назари муаллифро оид ба истифоди таҷриаби давлатҳои дигар дар самти такмили механизми фаъолияти бахши давлатӣ ва соҳибкории давлатӣ пурра дастгирӣ менамоем (С.138).

Ҷолибияти махсусро дар диссертатсия таҳияи алгоритми афзоиши самаранокии фаъолияти бахши давлат ва **SWOT - таҳлили гузаронидашудаи муаллиф дар самти фаъолияти соҳибкории давлатӣ** касб менамояд (С.145-150). Ба ақидаи муаллиф корхонаҳои давлатӣ дар баробари доштани имконияти зиёди истифодабарии захираҳо камсамар мебошанд ва барои ҷорӣ намудани инноватсия ҳавасманд нестанд (С.151).

Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки муҳимтарин самти мукаммалгардонии корхонаҳои давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо ин ташкил

намудани холдингҳо бо назорати давлатӣ мебошад, ки барои таъмини рушди иқтисодӣ, ҷалби сармоягузории иловагӣ мусоидат менамояд. Таъсис додани корхонаҳои азими истеҳсолӣ, ба андешаи муаллиф, самти ояндадори танзими иқтисодиёт ва ташкили фаъолияти муштараки давлат ва бахши хусусӣ мебошад (С.160).

Дар хулосаву пешниҳодот натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд (С.154-158).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили рушди назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории давлатӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳқиқот ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, истифодабарӣ ва рушди соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранок истифода намудани он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи маводи диссертатсияи илмӣ 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, ки пурра мухтавои диссертатсияро дарбар мегирад.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «тартиби додани дараҷаи илмӣ»**

Диссертатсияи тақризшаванда, мутобиқ ба муқарароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) омода гардида, ба талаботҳои он ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон, дар ҳамин радиф бояд қайд намуд, ки рисолаи дисертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи Тағойназарзода Амриддин соҳиби арзиши муайяни илмӣ буда, месазад, ки дар назария ва амалия ҳангоми рушд додани соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир истифода бурд. Диссертатсия бо забони возеҳ ва фаҳмо бо истифода аз истилоҳоти қабулшуда, навишта шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар қатори бартариятҳои дар боло зикр гардида, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда, дорои як қатор норасоиҳо низ мебошад, ки онҳоро чунин номбар намудан мумкин аст:

1. Сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф ҳангоми омӯзиши равишҳои назариявии мавзӯи таҳқиқшаванда дар шароити муосир фарқияти мафҳумҳои “соҳибкории давлатӣ”, “бахши давлатӣ” ва

“шарикии давлат бо бахши хусусиро” возеҳтар ҷудо намуда, қоидаҳои муаллифии онҳоро пешниҳод менамуд.

2. Дар зербоби 2.1. “Ҷанбаҳои институтсионалӣ, омилӣ ва иқтисодии фаъолияти соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бештар ҷойгоҳи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкории давлатӣ дар шакли қонунҳо хуб нишон дода шудааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар мавқеи барномаву стратегияҳои давлатии қабулгардида низ дар ин ҷойгоҳ васеътар шарҳ дода мешуд.

3. Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки тамоюли даромади умумии як қатор корхонаҳои азими давлатӣ хусисияти манфиро касб намудааст. Аммо дар диссертатсия роҳҳои баргардонидани фаъолияти ин корхонаҳо ба минтақаи субот ба таври муфассал оварда нашудааст.

4. Таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф дар боби 2 бештар тамоюли ҷорӣ ва рушди соҳибкории давлатиро дар шароити муосир дар бар мегирад. Сифати кор боз ҳам бехтар мушуд, агар дар ин боб дар баробари дигар масъалаҳо муаллиф масъалаҳои самаранокии муқоисавии соҳибкории давлатиро бо бахши хусуси мавриди таҳқиқ қарор медод.

5. Дар боби сеюм ошкорсозии роҳҳои мукаммалгардонии рушди соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тафри кофӣ ба роҳ монда шудааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф дар ин боб бо истифодаи моделҳои иқтисодиву риёзӣ дурнамои рушди соҳибкории давлатиро муқарар менамуд.

6. Дар диссертатсия истифодаи баъзе ислоҳоти иқтисодӣ дар шакли нодуруст оварда шудааст. Аз қабили “сектори давлатӣ”, “либерализатсия”, “модернизатсия” ва ғайра.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ

накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

**Хулоса**

Дар интиҳо, рисолаи диссертатсионии тақризшаванда, дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро гардида, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, қайд намудан бамаврид аст, ки диссертатсияи илмии Тағойназарзода Амриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурдашуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ**
**и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.

26.11.2025